# ДАСТУРАМАЛ БАРОИ ПУР КАРДАНИ ҲИСОБОТ ДАР БОРАИ ХОНАҲОИ ИСТИҚОМАТӢ, КИ ДАР МАҲАЛҲОИ АҲОЛИНИШИНИ ДЕҲОТ МАВҶУД БУДА, БА ШАҲРВАНДОН ҲАМЧУН МОЛИКИЯТИ ШАХСӢ ТААЛЛУҚ ДОРАНД / ШАКЛИ №2-ФОНДИ МАНЗИЛ

## 1. Маълумоти умумӣ

1.1. Ҳисоботи оморӣ аз рӯи шакли №2 – фонди манзил «Ҳисобот дар бораи хонаҳои истиқоматӣ, ки дар маҳалҳои аҳолинишини деҳот мавҷуд буда, ба шаҳрвандон ҳамчун моликияти шахсӣ қарор доранд»-ро мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии деҳот, шаҳрак ва шаҳрҳо умуман оид ба ҳамаи маҳалҳои аҳолинишин, ки зери итоати онҳо қарор доранд, аз ҷумла оид ба ҳар кадом маҳалли аҳолинишини деҳот ба таври алоҳида тартиб медиҳанд.

1.2. Дар ҳисобот маълумотҳо дар бораи хонаҳои истиқоматӣ, ки дар маҳалҳои аҳолинишини деҳот мавҷуд буда, ба шаҳрвандон ҳамчун моликияти шахсӣ таааллуқ доранд, ҳамчун хонаҳои истиқоматии деҳаҳо, қишлоқҳо, маҳаллаҳо, ҳавлиҳо (хуторҳо), авулҳо ва дигар маҳалҳои аҳолинишин, хонаҳои бесоҳиб ё хонаҳое, ки дар онҳо ҳеҷ кас сукунад надорад, ба қайд гирифта мешавад. Маълумотҳо баъд дар ченаки воҳидҳо, ки дар шакл нишон дода шудааннд, бо шумораои бутун нишондода шаванд.

1.3. Бинои манзили истиқоматӣ ба ҳисоб меравад, ки дар он ҳамаи бино ё на камтар аз нисфи масоҳати умумии бино барои истиқомати доимӣ пешбинӣ шудаасту дар қитъаи замин бо тамоми сохтмони ёрирасон, иншоот, унсурҳои ободонӣ дар ҳудуди муайян ҷойгир шудааст.

1.4. Хонаҳои сиёх (юртҳо), хонаҳои бо пусти гавазн пӯшидашуда (чумҳо), бустонсаройҳо ва дигар сохтмонҳо ва бинохое, ки барои истироҳат пешбинӣ шудаанд, хонаҳои истиқоматии мавсимӣ ё истиқомати муваққатӣ, сарфи назар аз сукунати тулонии шаҳрвандон дар онҳо, ба шумораи хонаҳои истиқоматии доимӣ ҳамроҳ карда намешаванд.

## 2. Мӯҳлати тартиб додану пешниҳоди ҳисобот.

2.1.Ҳисобот аз рӯи шакли №2-фонди манзилро то 10 январи соли ҳисоботи оянда тартиб медиҳанд ва на дертар аз 10 январ ба мақомотӣ омори давлатии ноҳиявии маҳалли (шаҳрак ва шаҳрӣ) ҷойгиршудаи мақомоти ҳокимияти иҷроияи давлатӣ пешниҳод менамоянд.

Агар баъди пешниҳоди ҳисобот дар он маълумоти аниқ дохил карда шуда бошад, дар он сурат ба таври таъҷилӣ бояд ба суроғае, ки ҳисобот фиристода шуда буд, хабар дода шавад.

## 2. Тарзи тартиб додани ҳисобот

3.1.Тамоми нишондиҳандаҳои ҳисобот бояд аз рӯи маълумотҳои аввалияи ҳуҷҷатҳои баҳисобгирӣ барои деҳот пур карда шаванд, яъне аз рӯи шакли №1, ки бо фармоиши Агентии омори назди Президенти Ҷумиҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст «Китоби баҳисобгирии хоҷагиҳои ҷамоатҳои деҳот», шакли №2 «Рӯйхати шахсоне, ки муваққатан дар ҳудуди ҷамоати деҳот истиқомат мекунанд», шакли №3«Китоб алифбои хоҷагӣ», шакли №8 «Рӯйхати хонаҳои истиқоматӣ, ки дар онҳо ба таври доимӣ ҳеч кас истиқомат намекунад ё хонаҳои бесоҳиб, ки дар ҳудуди ҷамоати деҳот (шаҳраки) мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ қарор доранд».

3.2. Дар сатри 01 маълумотҳое оварда мешаванд, ки фонди манзили инфиродӣ, дар моликияти шахсӣ қарор доранд.

Дар сутуни 1-миқдори ҳамаи хонаҳои истиқоматӣ новобаста аз шумораи соҳибонашон нишон дода мешавад. Масалан, агар хонаи истиқоматӣ ба ду ё бештар соҳибон тааллуқ дошта бошад, дар он сурат як хона нишон дода мешавад, агар ба як соҳиб ду ва ё бештар хонаи истиқоматӣ тааллуқ дошта бошад, дар он сурат ҳамаи онҳо дар ҳисобот ҳамроҳ карда мешавад.

Дар сутуни 2 масоҳати умумии хонаҳои истиқоматӣ, ки дар сутуни 1 нишон дода шудааст, оварда мешавад. Масоҳати умумӣ аз рӯи хонаи истиқоиатӣ, ки ду ва ё бештар соҳиб дорад, умуман дар хона нишон дода мешавад.

Масоҳати умумӣ ҳамчун ҷамъи масоҳати ҳамаи утоқҳои сукунатӣ (умуми утоқҳо, утоқи хоб ва биноҳои ёрирасон) ошпазхона, пешайвон, душхонаҳо, анборхонаҳо ва ҷевонҳои сохташуда, болохонаҳои истиқоматӣ; масоҳати гармшаванда, ки барои истиқомат дар давоми тамоми сол қобили истифода мебошад, долон пешайвон ва дигар биное,ки бо хона якҷоя сохта шудаанд, инчунин манзара ва болохонаҳои гармшаванда, ки барои сукунат қобили истифода мебошад.

*Ба масоҳати умумӣ ҳамроҳ карда намешаванд:*

-зинапояҳои панҷарадор дар хонаҳои ду ошёна ва баландтар.

-масоҳатҳое, ки ба унсурҳои конструктивӣ ва мақомҳои гармкунанда ишғол шудаанд;

-сохтмонҳои иловагӣ, ки гарм карда намешаванд: долон, пешайвон, балкондор, айвонҳо, инчунин манзара ва болохонаҳое, ки гарм карда намешаванд;

-ошхонаи алоҳида сохташуда, душхона, саройчаҳо, гушаҳои нишасти ҳамсуҳбатон ва ғайраҳо.

Дар сутуни 3 маълумотҳо дар бораи масоҳати истиқоматӣ оварда мешавад. Масоҳати истиқоматӣ дар хонае,ки ду ва ё бештар соҳиб доранд, умуман дар хона нишон дода мешавад.

Масоҳати сукунати хона ҳамчун ҷамъи масоҳати ҳамаи утоқҳои истиқоматӣ, ҷамъи утоқҳо ва утоқи хоб муайян карда мешавад.

Утоқи истиқоматӣ як қисми хона ба ҳисоб меравад, аз дигар бино бо деворҳо ҷудо карда шудаасту барои истиқомат пешбинӣ шудааст.

Маълумотҳо дар бораи утоқҳои истиқоматӣ ҳамчун истифодашаванда барои истиқомат, ки муваққатан холӣ, бо кадом сабаб ё бо сабаби таъмир, аз нав таҷҳизонидан қарор доранд, ба ҳисобот дохил карда мешаванд.

*Ба масоҳати истиқоматӣ дохил карда намешаванд:*

-бинохои ёрирасон, ошпазхона, масоҳати ошпазхонаро дар деҳот накамтар аз 8 метри мураббаъ ба инобат гирифтан лозим аст, дар он ҳолате, ки агар вай бо девори асосӣ ё муваққатӣ, пешайвон, душхона, ҳоҷатхона, анборхона, ҷевонҳои сохташуда иҳота карда нашуда бошад.

-бо унсурҳои конструкторӣ ва манқалҳои гармкунанда ишғол шуда бошад.

Дар сутуни 4 шумораи аҳолии истиқоматкунандаи доимӣ дар хонаҳои истиқоматӣ, ки дар сутуни 1 ҳисобот нишон дода шудаанд, оварда мешавад.

Шумораи истиқоматкунандаҳои доимӣ бо таври зайл ба ҳисоб гирифта мешавад: аз шумораи аҳолии мавҷуд аҳолии муваққатан истиқоматкунанда ва муваққатан ғоиб хориҷ карда мешавад.

Маълумотҳо дар бораи шумораи аҳолии мавҷуд аз рӯи ҳар кадом ҷамоати деҳот аз шакли №9 “С” «Ҳисоботи як вақта дар бораи ҷинсият ва синну сол дар ҳайати аҳолии деҳот то 1 январ» сатри 9 сутуни 3 гирифта мешавад, минбаъд ҳангоми муайян намудани шумораи аҳолии мавҷуд, нишондоди 12/0204-ро ба роҳбарӣ гирифтан лозим аст, оид ба истиқоматкунандаҳои муваққатӣ аз рӯи шакли №2 китоби баҳисобгирии хоҷагиҳо, оид ба муваққатан аҳолии ғоиб аз шакли №1 сатрҳои 22-27 дар сафҳои қушунҳо ба вақти тӯлонӣ қарор доштаҳо, дар чарогоҳҳои дурдаст, баҳрнавардон, колхозҳои моҳипарварӣ, моҳидорӣ ва ғайраҳо.

Дар сутуни 5 хонаҳое нишон дода мешаванд, ки плитаи гази болои фарш барои пӯхтану тайёр кардани хӯрок барқарор карда шудааст, ки аз шабакаи газ ё аз баллонҳои овардашудаи гази моеъ таъмин карда мешавад.

Хонаҳое,ки дастгоҳҳои гази моеъ васл карда шуда бошанд, агар плитаи болои фарши газ гузошта шуда бошаду ба шабакаи газ пайваст намуда бошад ё ҳатто кайҳо пайваст карда шуда бошаду дар давраи баҳисобгирӣ газ ворид нашуда бошад, хона хисобида намешаванд.

Дар сурате,ки агар хона ду соҳиб дошта бошад ва плитаи рӯи фарши газ танҳо бо яке аз соҳибон гузашта шуда бошад, дар он сурат хона пурра бо газ таҷҳизонидашуда ба ҳисоб гирифта мешавад.

3.3. Дар сатри 02 маълумотҳо  дар бораи хонаҳои истиқоматӣ, ки ба ҳисоб гирифта нашудаанд, оварда мешаванд, дар сутуни 1 миқдори хонаҳо, дар сутуни 2 масоҳати умумии онҳо нишон дода мешаванд. Маълумотҳо барои пур кардани ҳисобот аз рӯйхати хонаҳои истиқоматӣ, ки дар онҳо ба таври доимӣ ҳеч кас  истиқомат намекунад ва ё хоноҳо бесоҳибанду дар ҳудуди деҳот (шаҳракҳои) мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ қарор доранд,  гирифта мешаванд.

4. Дар тасдиқномаи «Тағийроти фонди манзил  барои як сол маълумотҳо дар бораи воридшавӣ, хориҷшавии фонди манзил дар давраи аз 1 январи соли гузашта то 1 январи соли ҷорӣ оварда мешаванд».

**Раёсати омори  савдо ва хизматрасонии**
**Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**